Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи "Талабот нисбат ба услуби ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ"

Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ.	Лоиҳаи "Талабот нисбат ба услуби ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ".
Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ.	Бонки миллии Тоҷикистон.
Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати онҳо татбиқ мегардад.	Ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ).
Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ.	31.08.с.2022.
Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ.	Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи Талаботи мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 02 декабри соли 2021 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати он аз 03 декабри соли 2021 то 02 январи соли 2022 гузаронида шуд.
Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо.	Аз рӯи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома дар Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани лоиҳаи Талаботи мазкур таклифу пешниҳодҳо ворид нагардид. Вобаста ба огоҳинома оиди таҳияи лоиҳаи Талаботи болозикр Маркази миллии қонунгузорӣ дар хулосаи худ аз 05 январи соли 2022, №01/2с қайд намудааст, ки огоҳинома тибқи талаботи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" таҳия гардидааст.

Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад.	Талаботи банди 2 моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ", муқаррар намудааст, ки "*Ташкилотҳои суғуртавӣ уҳдадоранд тарифҳои суғуртавии аз лиҳози актуарӣ (иқтисодӣ) асоснокшударо, ки тибқи услуби баҳисобгирии тарифҳои суғуртавӣ анҷом дода мешаванд, истифода намоянд*". Аммо аз сабаби мавҷуд набудани талабот барои ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ҳангоми бастани шартномаҳои суғурта ва ҳисобкунии мукофоти суғуртавӣ тарифҳои суғуртавии аз лиҳози актуарӣ (иқтисодӣ) асоснок нашударо истифода мебаранд, ки ин амалҳо боиси баланд шудани хавфҳо ва коҳиш ёфтани пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) мегардад. Илова ба ин, дар самти мазкур мушкилиҳои зерин вуҷуд доранд: - мавҷуд набудани санади меъёрии ҳуқуқии махсус, ки танзим ва назоратро вобаста ба истифодабарии тарифҳои суғуртавӣ ба роҳ мемонад; - мавҷуд набудани меъёрҳои муайян барои ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ; - мавҷуд набудани номгӯи он ахбороте, ки тарифҳои суғуртавӣ аз рӯи онҳо ҳисоб карда шаванд; - бе таҳлили асосноккардашуда таҳия намудани тарифҳои суғуртавӣ ва ба суғурташавандагон пешниҳод намудани онҳо; -дар сатҳи нокифоя қарор доштани устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) нисбат ба уҳдадориҳои ба зиммагирифтаи онҳо дар назди суғурташавандагон. Дар сурати таҳия ва қабул нагардидани ҳамин

	Талабот дар фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) хавфи эҳтимолии иҷро нагардидани уҳдадориҳои ба зиммагирифташуда дар назди суғурташавандагон зиёд гардида, ба устувории молиявӣ ва пардохтпазирии низоми суғурта дар маҷмӯъ таъсири манфӣ мерасонад.
Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат.	Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назорати суғуртавӣ лоиҳаи "Талабот нисбат ба услуби ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ"-ро бо назардошти муқаррароти моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" бо мақсади зерин таҳия намудааст: - ба танзим даровардани услуби ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ; - баланд бардоштани самаранокии амалиётҳои суғуртавӣ; - ҳимояи манфиатҳои қонунии истифодабарандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ; - пурзӯр намудани назорат аз рӯи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ); - иҷрои талаботи моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ".
Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ).	Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани танзиму назорати низоми суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули инфрасохтори бозори суғурта, Бонки миллии Тоҷикистон бо ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) мунтазам корҳои фаҳмондадиҳиро ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани услуби ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ ба роҳ мондааст. Бо дарназардошти он, ки қонуни соҳавӣ қабули Талаботи мазкурро пешбинӣ кардааст, ва таҷриба зарурияти инро низ собит намудааст, бе таҳияи санади мушаххаси

	меъёрии ҳуқуқӣ ҳалли масоили мазкур ғайриимкон мебошад.
Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда аз ҷумла, чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот.	Лоиҳаи Талабот нисбат ба услуби ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ дар баробари мусоидат намудан ба самаранокии амалиётҳои суғуртавӣ, ҳамзамон ҳифзу ҳимояи манфиатҳои қонунии суғурташавандагонро кафолат медиҳад. Дар лоиҳаи Талаботи мазкур чораҳои зерин пешбинӣ гардидааст: - инъикос ёфтани мафҳумҳо вобаста ба танзими тарифҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ); - талаботи умумӣ оид ба ҳисобкунии меъёрҳои тарифҳои суғуртавӣ; - талабот оид ба усулҳои баҳодиҳӣ ва ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ; - талабот оид ба натиҷаҳои ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ, барасмиятдарорӣ ва ҷойгиркунии онҳо. Дар лоиҳаи Талаботи мазкур уҳдадориҳои зерин пешбинӣ карда шудаанд: - истифода намудани яке аз принсипҳо ва маълумотҳои оморӣ ҳангоми ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ; - асоснок кардани қисмҳои таркибии тарифҳои суғуртавӣ; - аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ на кам аз як маротиба дар панҷ сол таҷдиди назар кардани тарифҳои суғуртавии амалкунанда; - ҷойгир намудани андозаи тарифҳои суғуртавӣ вобаста ба намудҳои суғурта дар сомонаи расмии худ ва ҷойҳои барои суғурташавандагон дастрас. Дар лоиҳаи Талаботи мазкур маҳдудиятҳои зерин пешбинӣ гардидаанд: - бе истифодаи яке аз принсипҳо ва шартҳои

	маълумотҳои оморӣ ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ; - бевосита дар алоҳидагӣ пешниҳод намудани шарҳи услубҳои ҳисобкунии тарифҳои суғуртавӣ; -ҳангоми ҳисобкунӣ маълумотҳои оморӣ барои на кам аз се соли охир бояд ба инобат гирифта шаванд. Рушди инфрасохтори бозори суғуртаи кишвар давра ба давра инкишоф ёфта, зарурати ба танзимдарории ҳар як самти асосии бозор бо роҳи таҳия намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус ба миён омадааст. Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдор дар самти танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ ҷиҳати таъмини ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон ва давлат, рушди босамараи бозори суғуртаи кишвар инчунин иҷрои талаботи муқаррарнамудаи моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ”, лоиҳаи Талаботи мазкурро таҳия намудааст.
Арзёбии муфассали харочоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва роҳҳои дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот.	Қабули Талаботи мазкур аз буҷети давлатӣ харочоти иловагиро талаб намекунад. Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур: - сатҳи хизматрасониҳои суғуртавӣ ба аҳолӣ беҳтар мегардад; - дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ зиёд мегардад; - барои самаранок гузаронидани амалиётҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии) ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) такони ҷиддӣ мебахшад. Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур: - вазъи молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ

	(азнавсуғуртакунӣ) беҳтар шуда, рушди низоми суғурта таъмин мегардад; - сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба низоми молиявӣ ва соҳаҳои гуногуни иқсисодиёти миллӣ зиёд мегардад. Дар таҷриба роҳи дигари ҳалли мушкилот мавриди баррасӣ қарор дода шуд, аммо барои ҳалли масъалаи мазкур роҳҳои алтернативии дигар пайдо нашуданд.
Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва дарияти ҷамъоварии он.	Қабул гардидани Талаботи мазкур ба ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ҷиҳати дуруст ҳисоб кардани тарифҳои суғуртавӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Яъне, нишондодҳои дар Талаботи мазкур пешбинигардида ба ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) барои дақиқ муайян намудани тарифҳои суғуртавӣ замина гузошта, дар баробари ин, ба суғурташавандагон сабукиҳо барои дастрас намудани хизматрасониҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) мусоидат менамояд.
Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он.	01.10.с.2022.

Раис Холиқзода Ҳ. Ҳ.